| Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429” | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429” |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Комиссияҳои давлатии қабули иншооти сохтмонашон анҷомёфта |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Июли соли 2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429” дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 январи соли 2024 ҷойгир карда шуда, нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 18 январи соли 2024 то 20 феврали соли 2024 машварати оммавӣ гузаронида шуд. |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намдуни санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Оид ба гузаронидани машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2024, №21/2с пешниҳод гардид. Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи тағйиру иловаҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал | Бо назардошти мушоҳида гардидани камбудиҳо аз ҷониби комиссияи давлатии қабули иншоот |

| | |
|---|---|
| намудани қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | бобати дар биноҳои истиқоматӣ иҷро нагардидани корҳои андовакунию пардозгарии дохили ҳар як ҳуҷра, даҳлез, надоштани деворҳои байниҳуҷравӣ, пурра омода нагардидани шахтаҳои лифт, надоштани майдончаҳои зарурӣ дар ҳудуди наздиимoратӣ, дар ҷойҳои номувофиқ истифода гардидани гаҷдеворҳо, инчунин пайвасти бесифати шабакаҳои муҳандисии барқ, алоқа, обу корез ва гармӣ барои пешгирии ҳолатҳои зикршуда ва аз байн бурдани чунин таҷриба ба бандҳои дахлдори Тартиби кории комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429 тасдиқ гардидааст, зарурати ворид намудани тағйирот ба миён омад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе аз 9 декабри соли 2021, №29/2-475 муроҷиат карда, пешниҳод намудааст, ки мутобиқ ба иҷрои сархати шашуми банди 1 супориши протоколи ҷаласаи назоратии назди Раиси шаҳри Душанбе аз 29 ноябри соли 2021, №33 бо назардошти мушоҳида гардидани камбудиҳо аз ҷониби комиссияи давлатии қабули иншоот бобати дар биноҳои истиқоматӣ иҷро нагардидани корҳои андовакунию пардозгарии дохили ҳар як ҳуҷра, даҳлез, надоштани деворҳои байниҳуҷравӣ, пурра омода нагардидани шахтаҳои лифт, надоштани майдончаҳои зарурӣ дар ҳудуди наздиимoратӣ, дар ҷойҳои номувофиқ истифода гардидани гаҷдеворҳо, инчунин пайвасти бесифати шабакаҳои муҳандисии барқ, алоқа, обу корез ва гармӣ барои пешгирии ҳолатҳои зикршуда ва аз байн бурдани чунин таҷриба ба бандҳои дахлдори Тартиби кории комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №429 тасдиқ гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2016, №153 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шаванд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади | Тибқи лоиҳаи қарори мазкур то ба истифода додани бинои истиқоматӣ ҳамаи корҳои |

| | |
|---|---|
| меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | пардоздиҳии дохилӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ пешбинӣ гардидаанд, инчунин ҳамаи корҳо дар ҳуҷраҳои истифодаи умум ва таъминоти муҳандисии иншоот бояд ба пуррагӣ ба анҷом расонида шаванд. Бинои истиқоматӣ (ба истиснои хобгоҳҳо, ҳуҷраҳои истиқоматии иҷтимоӣ, биноҳои истиқоматии, аз ҷониби ташкилоту идораҳо сохташаванда, ки баъдан аз руи шартнома ба кормандони ҳамин ташкилоту идораҳо барои истифода ба мӯҳлати муносибатҳои меҳнатӣ дода мешванд), метавонанд бе пардози дохилии ҳуҷраҳо, яъне часпонидани зардеворӣ, ранг кардан, рӯйпӯши фарш ва шифт, васли дарҳо дар деворҳои байниҳуҷравӣ ба истифода қабул карда шаванд.<br>Муқаррароти лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур чораҳо, уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳоро барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ наменамояд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Бо назардошти мушоҳида гардидани камбудиҳо аз ҷониби комиссияи давлатии қабули иншоот бобати дар биноҳои истиқоматӣ иҷро нагардидани корҳои андовакунию пардозгарии дохили ҳар як ҳуҷра, даҳлез, надоштани деворҳои байниҳуҷравӣ, пурра омода нагардидани шахтаҳои лифт, надоштани майдончаҳои зарурӣ дар ҳудуди наздииморатӣ, дар ҷойҳои номувофиқ истифода гардидани гаҷдеворҳо, инчунин пайвасти бесифати шабакаҳои муҳандисии барқ, алоқа, обу корез ва гармӣ барои пешгирии ҳолатҳои зикршуда ва аз байн бурдани чунин таҷриба тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шуданд. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ, эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари | Қабули лоиҳаи қарори мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.<br><u>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:</u><br>- таъмини босифат ва кафолатноки кори комиссияҳои давлатии қабули иншоот;<br>- баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии аҳолӣ ба сифати сохтмонҳо;<br>- таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои аҳолӣ.<br><u>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:</u> |

| | |
|---|---|
| интихобшудаи ҳалли мушкилот | - таъмини субот, бехатарӣ ва муассири кори комиссияҳои давлатии қабули иншоот;<br>- таъмини рақобати солим ва одилонаи ширкатҳои сохтмонӣ;<br>- заминаи устувор барои рушди минбаъдаи соҳаи шаҳрсозӣ. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби кории комиссияҳои давлатии қабул, ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо фаъолияти комиссияҳои давлатии қабули иншоот ҷоннок гардида, ба рушди соҳаи шаҳрсозӣ мусоидат менмояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | Июли соли 2024 |

Муовини якуми Раиси Кумита — Улуғбек Умарзода